Созмони амният ва ҳамкорӣ бо Аврупо
Намоянда оид ба озодии ВАО

Конференсияи 14-уми Осиёи Марказӣ оид ба ВАО

Аз ВАО-и анъанавӣ ба ВАО-и интернетӣ: таҷрибаи пешрафта ва дурнамоиҳо

Ашхобод, Туркманистон
5-6 июли соли 2012

# ЭЪЛОМИЯ

Конференсияи 14-уми Осиёи Марказӣ оид ба ВАО аз тарафи Дафтари Намояндаи САҲА оид ба ВАО бо кӯмаки дафтарҳои минтақавии САҲА дар Осиёи Марказӣ ташкил карда шуд ва 5-6 июли соли 2012 дар ш. Ашхободи Туркманистон баргузор гардид.

Тӯли чанд соли охир Конференсияи Осиёи Марказӣ оид ба ВАО ба як форуми махсус барои муҳокима намудани масъалаҳои марбута ба ВАО ва ҳамкорӣ байни рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Ин конференсия бори аввал дар Ашхобод баргузор гардид.

Дар ин конференсияи дурӯза зиёда аз 150 нафар рӯзноманигорон, мутахассисон дар ВАО, кормандони ҳукуматӣ, аъзоёни парлумон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони доираҳои илмӣ аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Инчунин, дар кори ин конференсия ҳамкорони мо дар ҳайси нозирон аз Афғонистон, Армения ва Озарбойҷон ширкат варзиданд.

Мавзӯҳои асосии конференсия ин васоити ахбори иҷтимоӣ ва интернетӣ буданд. Иштирокчиёни конференсия меъёрҳои байналмиллалӣ ва фаъолияту таҷрибаи миллиро дар мавриди озодии ВАО дар васоити ахбори иҷтимоӣ ва дар танзими пахши интернетӣ баррасӣ намуданд. Иштирокчиён инчунин рӯйдодҳои тозаро дар соҳаи ВАО дар кишварҳои Осиёи Мракази мавриди муҳокима қарор доданд. Илова бар ин, чолишҳои ҳуқуқӣ, сиёсат ва фаъолияту таҷрибаи марбут ба васоити ахбори интернетӣ ва иҷтимоӣ, моделҳои иқтисодӣ ва дурнамоиҳо барои васоити ахбори интернетӣ низ муҳокима гардиданд.

Конференсия:

1. Аҳамияти ба навбат, дар ҷойҳои алоҳида баргузор гардиданашро барои нигоҳ доштани рӯҳияи ҳамкорӣ ва эътимод эътироф менамояд ва ба ҳукумати Туркманистон барои меҳмоннавозие, ки дар сатҳи баланд буд, изҳори сипос менамояд.

2. Иштироки намояндагони ВАО, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инчунин кормандони ҳукуматиро аз ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки имконият доштанд масъалаҳои муҳимро дар соҳаи васоити ахбори интернетӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи минтақавӣ мавриди муҳокима қарор диҳанд, бо итминон пазироӣ менамояд.

3. Эътироф менамояд, ки васоити ахбори интернетӣ ва анъанавӣ барои таҳкими татбиқи ӯҳдадориҳои мавҷудаи кишварҳо иштирокчиёни САҲА дар соҳаи озодии ВАО имконият фароҳам меоваранд.

4. Он воқеиятро, ки васоити ахбори интернетӣ барои пешрафти гуногунӣ ва гуногунандешӣ бештар имконият фароҳам меоваранд, бо итминон пазироӣ менамояд.

5. Манфиати аслии Интернетро, аз ҷумла пешравиҳо дар соҳаи таълим, иқтисодиёт, муносибатҳои фардӣ таъкид намуда, зарурияти онро ҳамчун воситаи ҷустуҷӯ, истеҳсол, қабул ва паҳн намудани иттилоот эътироф мекунад.

6. Ҳукуматҳоро барои таъмин намудани ҳуқуқи асосӣ ба озодии баён ва озодии дастрасӣ ба иттилоот тавассути қабули қонунҳо ва сиёсат ва фаъолиятҳои зарурӣ, инчунин ба воситаи таъмин намудани назорати бетарафи судӣ ва назорати самаранок аз тарафи ҷомеа ҷиҳати татбиқи онҳо даъват менамояд.

7. Таъкид мекунад, ки маҳдудиятҳо марбут ба ҳуқуқи озодии баён дар Интернет танҳо дар ҳолати ҷавобгӯ будан ба талаботҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ ва ҷомеаи демократӣ, бо риояи қонун ва барои манфиати ҷомеа татбиқ карда мешаванд. Дастрасӣ ба васоити ахбори интернетӣ танҳо бо қарори судӣ матавонад маҳдуд карда шавад. Қарорҳо оид ба бастани сомонаҳои интернетӣ бояд шаффоф ва боасос бошанд. Рӯйхати сомонаҳои интернетии басташуда бояд интишор ва ба ҷомеа дастрас шавад.

8. Боварӣ изҳор менамояд, ки қонунҳои миллӣ ба шаффофият ва озодии Интернет, аз ҷумла васоити ахбори интернетӣ, бояд мусоидат намоянд.

9. Аз ҳукуматҳо хоҳиш менамояд, ки дастрасӣ ва истифодаи Интернет ва хизматҳои онро, аз ҷумла дастрасӣ ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити ахбори иҷтимоиро ҳамчун ҳуқуқи башар эътироф намуда, дастрасии оммавии онро таъмин намоянд.

10. Тақвият додани ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳукуматҳоро бо ҳамаи ҷонибҳои алоқаманд барои барҳам сохтани «тақсимоти рақамӣ» байни гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун хоҳиш менамояд ва мусоидат намудан ба омӯзиши истифодабарии васоити муосири ахбор ва ривоҷу равнақ додани дастрасии оммавӣ ба шабакаи Интернетро таъкид месозад.

11. Аз ширкатҳои телекоммуникатсионӣ хоҳиш менамояд, ки бетарафии интернетиро ҳифз намуда, муносибати баробарро ба иттилооти интернетӣ ва мубодилаи он, новобаста аз намуди дастгоҳ, мазмуну мундариҷа, муаллиф, сарчашма ва ё мақсад, таъмин намоянд.

12. Саҳми фаъоли истифодабарандагонро дар ташаккули мазмуну мундариҷаи интернетӣ, ки бо ин васила аз ҳуқуқи худ ба озодии баён истифода мекунанд, эътироф менамояд.

13. Аз ҳукуматдорон хоҳиш менамояд, ки ба истифода аз васоити ахбори иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ҳавасмандкунӣ ба шаффофият ва дастрасии бемамониати шаҳрвандон ба иттилооти давлатӣ ва иттилооти манфиати иҷтимоӣ дошта мусоидат кунанд, ва инчунин ба масъулиятнокӣ ва ҳисобдиҳии кормандони давлатӣ тақвият бахшанд.

14. Ҳукуматҳоро ба ҳамкориҳои наздик бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ширкатҳои телекоммуникатсионӣ бо мақсади таъмин намудани он ки Интернет ҳамчун форуми озод барои муҳокимаҳо ва баҳсҳои ҷомеа боқӣ монад ва ҳуқуқҳои истифодабарандагон муҳофизат карда шаванд, даъват менамояд.

15. Таъкид менамояд, ки барои пурра амалӣ гардидани ҳуқуқи истифодабарандагони Интернет, ин истифодабарандагон бояд аз дахолати ғайриқонунӣ ба умури шахсӣ муҳофизат карда шаванд.

16. Аз ҳукуматдорон хоҳиш менамояд, ки рӯзноманигорон, инчунин «блоггерон» ва «хабарнигорони шаҳрвандӣ» бемамониат фаъолияти худро пеш баранд.

* * *